ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯи ихтисоси 6D010301–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Худшиносии миллӣ, ваҳдату ягонагӣ ва ватанпарварӣ рукни пешрафти ҷомеа маҳсуб ёфта, сохт ва таъмини корҳои ташкилию методии тарбияи худшиносии хонандагон ҳам дар назария ва ҳам дар амалия дар таҳкими рушди давлатдорӣ масъалаи мубрам ба ҳисоб мераванд.

Мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода бе шаку шубҳа саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи муосир–яъне дар рӯҳияи худшиносиии миллӣ ба воя расонидани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст. Масъалаи мазкур имрӯзҳо аз ҷумлаи мушкилоте ба ҳисоб меравад, ки таваҷҷуҳи тамоми мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва аҳли ҷомеаро ба худ ҷалб намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар рӯҳияи худшиносии миллӣ тарбия намудану ба воя расонидани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи муҳим буда, корбарии дуру дарозро тақозо дорад. Сарчашмаи тарбияи худшиносии миллии хонандагон аз марҳилаҳои дуру дарози аз сар гузаронидаи ниёгонамон маншаъ мегирад. Исботи ин гуфтаҳо таърихи гузаштаи ниёгонамон аст, ки докторанти PhD дар диссертатссияи худ маҳз ҳамин масъаларо мавриди таҳқиқот қарор додааст.

Мубрамият ва муҳиммияти мавзуи таҳқиқотии муҳаққиқ аз фаъолияти тарбиявӣ ва миллатдӯстию ватандории Бобоҷон Ғафуров ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ гирифтааст.

Чӣ тавре ки Сарвари давлат дар яке аз баромадҳои худ таъкид намудаанд: «То даме, ки худшиносии миллӣ, пос доштани хотираҳои таърихӣ, ифтихор аз мансубияти миллӣ, дар шуури ҳар яки мо падид наояд, то даме, ки ҳар кадоми мо манфиати миллиро ҳамчун қарзи муқаддаси

шаҳрвандӣ эҳсос накунем ва эҳтиром нагузорем, то даме, ки хидмат ба Ватану миллат бароямон ба арзиши олии зиндагӣ табдил наёбад, мо ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ ба камол расида наметавонем».

Таърих гувоҳ аст, ки ташаккули тоҷикон аз давраи солшумории мелодӣ оғоз ёфта, маҳз дар замони Сомониён ба мақоми баланди давлатдорӣ расидааст. Вобаста ба ин омӯзгоронро мебояд, насли наврасро дар рӯҳияи худшиносӣ, ифтихори миллӣ, ватанпарастӣ, дӯст доштани марзу буми хеш, инсондӯстӣ, эҳтиром, бузургдошти арзишҳои маънавӣ ва фарҳангӣ миллӣ тарбия намуда, ин ҳиссиётро дар онҳо ташаккул диҳанд, то ки онҳо ба саволҳои: Мо кистем?, аз куҷоем?, дар кадом хонавода сабзидаем?, нахустин аҷдодонамон киҳоянд?, аз куҷо омаданд ва дар кадом сарзамин ошён доштанд?–ҷавоб гуфта тавонанд.

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, 8 параграф, хулоса, 3 ҷадвал, 3 расм ва 186 адабиёт иборат буда, диссертатсия дар ҳаҷми 181 саҳифа таҳия гаридааст.

Докторанти PhD насли наврасу ҷавони ояндасози миллатро дар таҳқиқоти худ тазаккур додааст, ки неруҳои ифротгаро инсонҳоро ба ҷангу терроризм ва радикализми динӣ кашида, онҳоро аз аслашон бегона месозанд ва ҳисси худшиносии миллии онҳоро доғдор менамояд. Наврасону ҷавонон набояд фаромӯш созанд, ки миллати тоҷик маҳз бо таърихи қадимаи давлатдорӣ, маънавиёти баланд ва фитрати фарҳангофариаш ҷаҳоншумул гашта буд.

Дар асоси гуфтаҳои боло дар диссертатсия **вазифаҳои зерин** муайян ва ҳал карда шудааст:

– таҳлил намудани адабиёти илмию методӣ оид ба имкониятҳои назариявию амалӣ дар раванди хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ;

– ба нақша гирифтани корҳои амалӣ ва муайян намудани сатҳи ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

– сохтани амсилаи хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ;

– муайян намудани шароит ва имкониятҳои истифодабарии корҳои беруназдарсӣ дар таълими фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун воситаи ёрирасон;

– таҳияи технологияи бо донишҳои мукаммали илмию таърихӣ мусаллаҳ намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

– ба таври озмоишӣ асоснок намудани самаранокии худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик бо корҳои беруназдарсӣ.

Паҳлуҳои асосии диссертатсия: мубрамии таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, фарзия, навгонии илмӣ, асосҳои назариявию методологӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, муқаррароти асосӣ, пойгоҳи таҳқиқотӣ, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми рисола пурра дар автореферат инъикоси худро ёфта, аз ба итмом расидани таҳқиқот шаҳодат медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот:

– меъёрҳо, роҳҳо ва хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардида, истифодаи усули инноватсионии таълими корҳои беруназсинфӣ пешниҳод гардид;

– роҳҳо ва нишондиҳандаҳои мусбати ҳисси худшиносии миллии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асоснок ва ошкор карда шуданд;

– нақш ва мақоми худшиносии миллӣ дар муассисаҳои миёнаи умумӣ вобаста ба шароит ва талаботи педагогӣ муайян карда шуд;

– амсилаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ таҳия карда шуд;

– ташкили корҳои тарбиявию беруназдарсӣ дар мактаб ҳамчун заминаи таърихию фарҳангӣ барои рушди минбаъдаи насли наврасу ҷавонон илман асоснок карда шуд.

Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия:

1. Тайёрии босалоҳияти омӯзгори фанни таърихи халқи тоҷик бо назардошти истифодаи воситаҳои муосири таълим дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик;

2. Технологияи шиносоӣ бо таъриху фарҳанги миллӣ бо назардошти технологияҳои муосир ва муносиби таълими онҳо;

3. Тарзҳои воқиф намудани хонандагон ба арзишҳои таъриху фарҳанги миллии тоҷикон оид ба худшиносии миллӣ ва иртиботи он бо падидаҳои ҷаҳонбинии насли нав;

4. Нақш, манзалат ва мақоми таъриху фарҳанги миллӣ дар ташаккули ифтихори миллӣ, ватанпарастӣ ва худогоҳии миллӣ.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:

– дар раванди фаъолияти таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ шароити педагогии беҳтар ташаккул додани худшиносии миллии хонандагон ба тариқи озмоишҳо асоснок карда шуданд;

– дастури методии таҳия ва татбиқшудаи фанни таърихи халқи тоҷик имконият медиҳад, ки раванди ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар фаъолияти педагогӣ мақсаднок ба роҳ монда шавад;

– тавсияҳои илмию амалӣ нисбат ба хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон, ҳамчун сифати муҳимми шахсии онҳо муайян карда шуданд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот:

– дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ курсҳои баланд бардоштани ихтисоси муаллимони ҷумҳурӣ роҳандозӣ шудааст;

– машғулиятҳои назариявию амалӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоб, ноҳияи Восеъ ва ноҳияи Ховалинг татбиқ шудаанд;

– ҷанбаҳои педагогии омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллӣ таҳия карда шуданд;

– тавсия ва дастурҳои методӣ марбут ба тарбияи худшиносии милии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод гардиданд.

Муқаддимаи диссертатсия ба кулли меъёрҳои таълифи муқаддимаи корҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Боби якуми диссертатсия–**«Асосҳои назариявии ташаккули худшиносии миллии хонандагон»** аз чор зербоб иборат буда, ба таҳлили иҷтимоӣ, фалсафӣ, таърихӣ, педагогӣ, психологӣ ва арзишҳои миллӣ бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили андешаҳои мутафаккирони ватанию хориҷӣ ва дигар манбаҳои назариявию эмпирикӣ, паҳлуҳои мухталифи масъалаи пешниҳодшуда ҳамаҷониба таҳқиқ гардидааст.

Боби дуюми рисолаи илмӣ–таҳқиқотӣ ба таҳлили **«Имконияти педагогии таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва нақши корҳои беруназдарсӣ дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон»** равона гардида, дар ҳар як зербоб маводҳои таълимӣ ҳангоми таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ аз ҷиҳати илмию педагогӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтаст.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар маводҳои нашрнамудаи муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Аз рӯи мавзуи таҳқиқот 12 мақола, 1 монография, 1 дастури таълими нашр шудааст, ки аз онҳо 8 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба табъ расидаанд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия камбудиҳо ва норасоиҳои зерин низ ба назар мерасанд:

1. Дар баробари мукаммал гардонидани асосҳои назариявию амалии таҳқиқот, ба қавӣ гардонидани методологии он низ муҳаққиқ кӯшиш менамуд, беҳтар мебуд;

2. Муқоисаи корҳои озмоишию таҷрибавӣ дар мактабҳои гуногуни шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриамон гузаронида мешуд, қимати кор боз ҳам меафзуд;

3. Дар таълифи рисола муҳаққиқ аз дастовардҳои олимону педагогҳои тоҷик, ки дар таҳким бахшидани сатҳи худшиносии миллӣ назаррас мебошанд, васеътар истифода мебурд ба манфииати кор буд

Эродҳои овардашуда ба арзиши волои назариявию амалии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Диссертатсия ва автореферат ба талаботҳои пешниҳодшуда ҷавобгӯ буда, таълифот ва интишороти муаллиф аз нигоҳи техникию забонӣ ва услубию мантиқӣ мусбатанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Гулрӯи С.Ҷ. дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» ба бандҳои 76;77 ва 79-и “Тартиб додани дараҷаи илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - июни соли 2011, таҳти №267 ба табъ расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯй ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Ноиби ректор оид ба идеология,
тарбия ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Аҳмадзода З.К.

Имзои Аҳмадзода З.К.– ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Бобозода О.О .

Суроға: Индекс 734003, Ҷумҳурии
Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯчаи
Саид Носир, 33.
Телефон: +992 985459980
25.11.2022